«Тасдиқ менамоям»
ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
__________ Давлатзода Қ.Қ.
«29» 08 соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович дар мавзуи «Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович **«Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа пешниҳод гардидааст, ба ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) комилан мувофиқ мебошад. Моҳият ва муҳтавои мавзуи диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои гузошташуда, истифодаи усулҳои мухталифи таҳқиқоти илмӣ, хулосабарорӣ ва натиҷагириҳо ба ихтисоси илмии интихобгардида мувофиқат менамояд. Зимни таҳқиқот муаллифи диссертатсия ба сарчашмаҳои муътамади таърихӣ, осори Муҳаммад Ғазолӣ ва асарҳои таҳқиқотии муҳаққиқон такя намуда, масъалаи фазилат инсонро таҳлилу баррасӣ кардааст. Методологияи истифодашуда имконият фароҳам овардааст, ки диссертатсия характери илмӣ ва арзиши назариявию амалӣ пайдо намояд. Бо дарназардошти андешаҳои баёншуда, мавзуи мазкур ба самти ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити муосири ҷаҳонӣ, ки раванди глобализатсионӣ нуфузи рӯзафзун пайдо намуда, ба фазилатҳои ахлоқии суннатӣ ва фарҳанги миллӣ таъсири манфӣ мерасонад, зарурат ба омӯзиши андешаҳои ахлоқии гузаштагон, чун сипари боэътимод дар баробари андешаҳои бегона, дучанд меафзояд. Воқеан, арзишҳои фарҳангӣ дар Тоҷикистони муосир ивазшавии талаботро нисбат ба ахлоқ ва фазилатҳои он, фарҳанги одобу муошират, оиладорӣ ва масоили иҷтимоӣ хеле зиёд кардаанд, вале таъсири мутақобилаи ин институтҳои иҷтимоӣ ва нақши созандаи онҳо дар тағйирёбии ҷомеа ва арзишҳои меҳварии он, то ҳол ба дараҷаи лозимӣ омӯхта нашудааст. Ба андешаи мо, имрӯз зарурати он фаро расидааст, ки масъалаҳои марбут ба фазилатҳои ахлоқӣ, инчунин таълимоти мутафаккирони соҳибмактаб бо диди нав таҳлили интиқодӣ карда шаванд, зеро ҷомеаи муосири Тоҷикистон талаботи рӯзафзо дар масъалаи эҳёи арзишҳои ахлоқӣ, одобу муошрати инсонӣ ва эҳёи арзишҳои инсонпарварона дорад. Андешаи муаллифи

диссертатсия дар мавриди он, ки “Барои бартараф сохтани бухронҳои маънавӣ омӯзиши амиқи арзишҳои ахлоқӣ дар таълимоти мутафаккирони гузашта ва истифодаи амалии онҳо тақозо карда мешавад. Ин амал дар замони муосир танҳо дар он сурате самаранок буда метавонад, ки агар консепсияҳои гуногуни ахлоқӣ мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор гирифта, сифатҳои ахлоқи ҳамида ҷиҳатиислоҳи нуқсонҳои тарбиявӣ ва самаранокии онҳо барои инсони муосир аз нигоҳи илмӣ асоснок ва арзишҳои ахлоқии мусбат дар амалия татбиқ ёбанд. Яке аз чунин сарчашмаҳои асримиёнагӣ барои мардуми кишвари мо андешаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарк, умуман ва махсусан, таълимоти ахлоқии яке аз намояндагони он – Муҳаммад Ғазолӣ мебошад, ки дар тули асрҳо аҳамияти тарбиявӣ-ахлоқии худро гум накардааст” (С.3.), ҷолиби диққат мебошад.

Аз ин хотир, таҳлили интиқодии масъалаи фазилатҳои инсонӣ яке аз воситаҳои муҳимми камолоти маънавии шаҳрвандон ба ҳисоб рафта, он метавонад амалан барои ташаккул ва рушди худшиносию худогоҳӣ ва эҳёи арзишҳои фарҳангӣ мусоидат намояд.

**Дарҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд,** ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ мебошанд. Диссертант зимни асосноккунии гузоришҳои илмӣ бо истифода аз методологияи қабулшудаи илмӣ, таҳқиқоти анҷомдодаи муаллифони ватаниву хориҷӣ, хосатан ба ҳайси сарчашмаҳои асосӣ аз осори Муҳаммад Ғазолӣ истифода намуда, вазифаҳои муайяннамудаи худро иҷро кардааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия асоснок ва дар асоси таҳлилҳои муқоисавӣ, тавсифӣ, аксиологӣ ва усулҳои дигари умумимантиқӣ таҳия гардидаанд ва ҷавобгӯ ба талаботҳои муайяншуда мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Таҳлили диссертатсияи Насриддинов Ҳ.Н. нишон медиҳад, ки муаллифи он ба ҳадафи гузоштаи худ ноил гардида, навгониҳои илман асоснок пешниҳод намудааст. Навгониҳои диссертатсия аз он иборатанд, ки:

- дар асоси таҳлили маводи дастрас моҳияти консепсияи фазилати ахлоқӣ, ки он дар таълимоти ахлоқии Ғазолӣ мақоми асосӣ дорад, равшан карда шуда, қаробат ва тафовути мавқеи ӯ дар муқоиса бо файласуфон, аҳли тасаввуф ва руҳониён дар ин мавзуъ муайян гардидааст;

- ошкор карда шудааст, ки мутафаккирони Юнони Қадим, намояндагони фалсафа ва ирфон нисбати фазилатҳои ахлоқӣ мавқеъҳои гуногунро ишғол намуда, умумият, ихтилоф ва қаробату дурии андешаҳо байни онҳо чашмрас мебошанд;

- собит гардидааст, ки фазилатҳои ахлоқӣ, аз нигоҳи Ғазолӣ, маърифати ахлоқии олам ва инсон буда, аз ҷониби ӯ ба таври омехта - дар пояи дин, фалсафа ва ирфон тавзеҳ ёфтаанд ва ин гуна фаҳмиши моҳияти фазилатҳо ба таълимоти ахлоқии мутафаккирони баъдӣ таъсири бузург расонидааст;

- робитаҳои ботинӣ ва зоҳирии фазилатҳои ахлоқӣ дар таълимоти ахлоқии Ғазолӣ мушаххас ва равшан гардида, онҳо аз ҷиҳати ҳадаф ирфонӣ ва аз ҷиҳати моҳият умумиахлоқӣ арзёбӣ шудаанд;

- дар заминаи омӯзиши осори ахлоқии Ғазолӣ фазилатҳо ба умумиахлоқӣ ва ахлоқӣ-ирфонӣ тақсимбандӣ шуда, таъсири мутафаккир дар рушди минбаъдаи консепсияи аз нав коркардшуда ва таҳаввулёфта оид ба фазилати инсон муайян гардидааст;

- дар асоси таҳлили аксиологӣ ва интиқодӣ арзишмандӣ ва ё баръакс, созгор набудани баъзе паҳлӯҳои таълимоти умумиахлоқӣ ва ахлоқӣ-ирфонии Ғазолӣ, хусусан консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии ӯ, ба талаботи даврони муосир муайян карда шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада метавонанд дар соҳаи илмҳои фалсафӣ – таърихи фалсафа, фалсафаи ахлоқ мавриди истифода қарор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро муаллиф ба воситаи асосҳои назариявию методологӣ дар диссертатсияи худ асоснок намудааст. Диссертант тавонистааст, ки дар таҳқиқоти худ миқдори зарурии адабиёти илмиро вобаста ба мавзуи мавриди назар истифода намояд. Инчунин, хулосаҳои муаллиф дар заминаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуъ ва таҳлили андешаҳои муҳаққиқони дохил ва хориҷи кишвар натиҷагирӣ шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Интихоби мавзуъ, ҷамъоварии маводди зиёди илмӣ ва таҳлили адабиёти ҷамъовардашуда барои диссертатсия натиҷаи фаъолияти чандинсолаи илмии муаллиф мебошад. Дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович асосҳои назариявӣ ва амалии масъалаҳои марбут ба ахлоқ ва фазилатҳои инсониро дар такя ба осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ коркард ва натиҷаҳои назарраси илмиро пешниҳод намудааст. Ҳамзамон, чопи мақолаҳои илмӣ, баромад дар конференсияҳои байналмиллалию ҷумҳуриявӣ ва пешниҳодҳои асоснок аз саҳми муаллифи диссертатсия гувоҳӣ медиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Нашри натиҷаҳои кори диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи ба талаботи банди 35 – и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06. 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26. 06. 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мувофиқат менамояд. Мақолаҳои илмии нашрнамудаи довталаб мазмуни кори диссертатсионии онро ифода менамоянд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Диссертатсияи Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович дар мавзуи

**«Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ»** дорои аҳаммияти илмӣ, назариявӣ ва амалӣ мебошад. Муаллифи он дар рафти таҳқиқот тавонистааст, ки моҳият ва паҳлуҳои норавшани масъаларо ошкор намояд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович дар мавзуи **«Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ»** аз муқаддима, ду боб бо фарогирии шаш фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 177 саҳифаи чопиро дарбар мегирад.

Натиҷагирӣ дар бобҳои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллифи он тавонистааст дар ҳадди имкон аз уҳдаи иҷрои мақсадҳои гузоштаи худ барояд ва хулосаҳои зарурири пешниҳод намояд.

Боби якуми диссертатсия **"Таълимоти умумиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ ва ҷойгоҳи илми ахлоқ дар таснифоти илмҳои ӯ"** унвон гирифта, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якум – "**Тавсифи мухтасари асарҳои ахлоқӣ ва асосҳои таълимоти умумиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ"** зикр шудааст, муаллиф кӯшидааст моҳияти фалсафии ин мафҳумҳоро шарҳ дода, таърифҳои мухталифи онҳоро дар такя ба осори мутафаккирони гузашта ва муҳаққиқони муосир, шаклҳои фазилати инсониро дар муносибат ба ахлоқ ва тавсифи мухтасари асарҳои ахлоқӣ, табақабандии фазилатҳо дар таълимоти Ғазолӣ ва баъзе падидаву мафҳумҳои дигари ба онҳо алоқамандро шарҳу тавзеҳ намояд. Диссертант зербоби мазкурро чунин хулосагирӣ намудааст: "таълимоти умуиахлоқии Ғазолӣ ба аҳкоми динӣ – фалсафӣ такя намуда, дар осори ӯ инъикос ёфтаанд. Ҷавҳари таълимоти ахлоқии ӯро консепсияи фазилати инсон ташкил медиҳад"(ниг. диссертатсия, саҳ. 33). Бо дарназардошти ҳамин хулосаи муаллифи диссертатсия гуфтан мумкин аст, ки консепсияи фазилати инсон, ки дар осори ахлоқии мутафаккир мавқеи намоён дорад, барои ҷомеаи муосир арзишманд ва муҳим мебошад.

**Дар зербоби дуюми боби аввал – "Таснифоти илмҳои Муҳаммад Ғазолӣ ва ҷойгоҳи илми ахлоқ дар он"** зикр шудааст, ки муаллиф атрофи ҷойгоҳ ва мақоми фазилати инсон дар осор ва афкори мутафаккир, ки таълимоти динӣ – фалсафӣ дорад, суҳбат менамояд. Дар баробари ин, диссертант консепсияи фазилати инсонро аз назари донишмандони дигар ба монанди Фалес, Биант, Солон, Клеобул, Мисон, Хилон, Форобӣ ва Ибни Сино мавриди таҳқиқ қарор дода, бо таълимоти ахлоқии Ғазолӣ муқоиса намудааст. Диссертант зербоби мазкурро натиҷагирӣ намуда ба хулосае меояд, ки "таълимоти ахлоқии Ғазолӣ рафтореро фаро мегирад, ки аз нафси ҳам писандида ва ҳам нописандида бармеояд ва хулқ хусусияти фитрӣ дошта бошад ҳам, нақши тарбия низ дар такомули инсон баланд аст" (ниг. диссертатсия, саҳ. 49). Чунин натиҷагирӣ қобили қабул ва мувофиқ ба меъёрҳои муқарраргардида мебошад.

**Дар зербоби сеюми боби аввал – "Табақабандии фазилатҳо дар таълимоти умумиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ"** таъкид шудааст, ки

тавсифи фазилатҳо аз ҷониби Ғазолӣ дар умум, ба андешаи файласуфон ва махсусан, машшоияи шарқӣ, комилан мувофиқат менамояд. Масалан, чаҳор фазилати афлотунӣ асоси дигар фазилатҳоро таъмин мегардонад. Ин рӯйхат ба рӯйхати Мискавайҳ, ба истисной он ки ӯ баъзе фазилатҳои дуюмдараҷаро ба саховат дохил карда, ба шумора, тартиби якчанд фазилатҳои дуюмдараҷа мувофиқ нест. Масалан, Ғазолӣ, кибру-н-нафс (бузургдилӣ) ва нубл (бузургворӣ)-ро ба шуҷоат мансуб донистааст, вале Мискавайҳ онро як қисми саховат меҳисобад, ки дар навбати худ, ба эътидол мансуб дониста шудааст. Андешаҳои Ғазолӣ, ҳамчунин ба андешаҳои Ибни Сино низ шабоҳати зиёд доранд. Ҳар ду мутафаккир бар он ақидаанд, ки ҳеҷ кадом фазилат ба мақулаи “адолат” мансуб намебошанд, вале бо шумора ва ҷойгиршавии фазилатҳои дигар раддабандии Ғазолӣ ва Ибни Сино аз ҳам фарқ мекунанд. Ибни Сино танҳо аз ду фазилати таҳти эътидол, аз ҷумла сахо ва ризо ном бурда, шумораи зиёди фазилатҳои дуюмдараҷаро ба ҳикмат мансуб медонад, дар ҳоле, ки Ғазолӣ тамоман акси онро анҷом додааст.

Баъзе шабоҳатҳои дигар дар байни фазилатҳое, ки Ғазолӣ дар рӯйхат овардааст ва фазилатҳое, ки Форобӣ ва Ибни Аддӣ овардаанд, вуҷуд доранд, гарчанде ки онҳо барои Ғазолӣ, Ибни Сино ва Мискавайҳ умумӣ мебошанд, вале ваҳдати ин сохторро ошкор накардаанд.

Боби дуюми диссертатсия **“Фазилати инсон дар таълимоти ахлоқӣ – ирфонии Муҳаммад Ғазолӣ”** унвон гирифта, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми боби дуюм – **“Фазилатҳои ахлоқӣ – ирфонӣ дар самти камолоти маънавии инсон”** мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар ин зербоб диссертант муносибати мутафаккирро бо тасаввуф муайян намуда, тавсифи фазилатҳои суфиёна аз ҷониби ин мутафаккирро таҳлил намудааст. Диссертант ин зербобро чунин хулоса мекунад, ки “Ғазолӣ тасаввуфро ҳамчун ҷараёне, ки ҳам назария ва ҳам амалияро дар бар гирифтааст, қабул карда, барои омезиш додан, синтези он бо ғояҳои исломӣ кӯшиш кардааст” (ниг. диссертатсия, саҳ. 98).

Дар зербоби дуюми боби дуюм – **“Фазилатҳои ба ташаккули ахлоқи ирфонӣ мусоидаткунанда”** омӯхта шудааст. Дар ин масъала Ғазолӣ фазилатҳои ирфониро бо робитаҳои ботинии қувваҳои нафс алоқаманд медонад. Диссертант ин зербобро чунин хулоса мебарорад: “Таҳқиқи ин се фазилати аввали кӯмаккунанда махсусан ният, ихлос ва сидқ нишон медиҳад, ки қабл аз ҳама амалӣ сохтани ният муҳим мебошад” (ниг. диссертатсия, саҳ. 114).

Дар зербоби сеюми боби дуюм – **“Фазилатҳои марказии ахлоқӣ - ирфонӣ дар консепсияи Муҳаммад Ғазолӣ”** таҳқиқ шудааст, ки фазилатҳои марказии ирфонӣ сифатҳои суфиёнае мебошанд, ки Ғазолӣ ба хотири табақабандӣ намудан онҳоро “манозил” номидааст. Диссертант ин зербобро чунин хулосабарорӣ намудааст: “Консепсияи Ғазолӣ оид ба фазилатҳои марказии ахлоқӣ – ирфонӣ (тавба, сабр, шукр, умед, тарс, факр, зуҳд, тавҳид, таввакул ва муҳаббат) нишон медиҳад, ки ӯ аз

сифатҳои рӯзмараи иҷтимоӣ ва ё ахлоқӣ истифода карда, ин фазилатҳоро аз муҳтавои аввалаи худ таҷрид (абстраксия) мекунад” (ниг. диссертатсия, саҳ. 151).

Хулосаи диссертатсияро диссертант бо ду қисм: натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод менамояд. Хулосаҳои пешниҳодшуда асоснок ва истифодаи амалии натиҷаҳо дорои арзиши илмӣ ва амалӣ мебошанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия ва автореферати он мутобиқ ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур дар назди кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ зинаи унвонҷӯйиро гузаштааст. Мақолаҳои нашрнамудаи ӯ ба ихтисоси 09.00.03 –Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ), мувофиқ мебошанд. Насриддинов Ҳ.Н. дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, вобаста ба мавзуи диссертатсия маъруза намудааст. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки тахассуси илмии Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович ва диссертатсияи пешниҳоднамудаи ӯ ба дараҷаи илмии дарёфтшаванда мувофиқ мебошад.

**Норасоиҳо ва эродҳо**. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Насриддинов Ҳукмиддин Насриддинович дар қатори муваффақиятҳо баъзе масъалаҳои баҳснок ҷой доранд, ки онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

1. Мавзуи таҳқиқот **«Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ»** унвон дорад, вале объекти таҳқиқ то андозае васеътар муайян шудааст. Ба назари мо, агар объекти таҳқиқот “осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ” муайян мешуд хубтар буд;
2. Дар боби дуюми диссертатсия номувофиқатии ҳаҷми зербобҳо ба назар мерасад. Масалан, зербоби якуми боби дуюми диссертатсия 14 саҳифа (84-98), зербоби дуюм 15 саҳифа (99-114) ва зербоби сеюм 36 саҳифа (115-151).
3. Дар матни диссертатсия баъзан хатоиҳои имлоиву техникӣ, ба назар мерасанд.

Эродҳои пешниҳодгардида мазмун ва арзиши илмии диссертатсияи Насриддинов Ҳукмиддин Насриддинович дар мавзуи «Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ»-ро коҳиш намедиҳанд. Аксари онҳо ҳамчун пешниҳод барои муаллиф мебошанд, ки дар таҳқиқотҳои минбаъда метавонад мавриди корбарӣ қарор диҳад.

Диссертатсияи Насриддинов Ҳукмиддин дар мавзуи **«Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ»** кори илмии

анҷомёфта ба ҳисоб рафта, мазмун ва мундариҷаи он ба ихтисоси 09.00.03 – Тарихи фалсафа(илмҳои фалсафӣ) мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Нариддинов Ҳ.Н. дар мавзуи **«Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ»** ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06. 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26. 06. 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа(илмҳои фалсафӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76 - 79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии ДТТ ба номи академик М.Осимӣ - Саидумаров Саидвоҳид Саидбурҳонович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз 28 августи соли 2025, протоколи №1 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 18 нафар устодон иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 18 нафар, “муқобил” - нест, “бетараф” - нест.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи фанҳои ҷемашиносӣ,
номзади илмҳои таърих, дотсент
Шарофзода Эраҷ Умрибой ______________

**Эксперт:**
Номзади илмҳои фалсафа, дотсент,
Саидумаров Саидвоҳид Саидбарҳонович ______________

**Котиби ҷаласа:**
Номзади илмҳои фалсафа, и.в. дотсент
Тураев Файзали Раҷабалиевич ______________
28.08.2025

Имзоҳои Шарофзода Э.У., Саидумаров С.С.
ва Тураев Ф.Р.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДТ ба номи академик М.С Осимӣ __________ Қодирзода Н.Ҳ.

Нишона: 734042 Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи академик Раҷабовҳо, 10,
E-mail: info@ttu.tj. Тел: (992) (37)221-35-11